# 112057 - Дар охирин рӯзи Рамазон мусулмон шуд, оё бояд закоти фитр бидиҳад?

**савол**

Агар дар охирин рӯзи Рамазон мусулмон шавад, бояд садақаи фитр бидиҳад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, бояд садақаи фитр бидиҳад, зеро ӯ аз ҷумлаи мусулмонон аст ва дар ҳадиси Ибни Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) омадааст: «Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) закоти фитрро ба андозаи як соъ хурмо ё як соъ ҷав бар ҳар марду зан, озоду ғулом ва хурдсолу бузурги мусулмон фарз гардонид .«

Поёни сухан.

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

"Ал-Иҷоботу ъало асъилати-л-ҷолиёт.(1/8 ,9) "